**Тақризи**

**роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филология, дотсент Каримов Шуҳрат Бозорович дар бораи рисолаи Робияи Абдусамад «Таҳлили сохторӣ ва маънoии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).**

Диссертацияи Робияи Абдусамад дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллои Рӯдакӣ анҷом дода шудааст.

Робияи Абдусамад соли 2016-ум Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, факултети филологияи хориҷиро бо ихтисоси «Забони англисӣ» хатм намудааст. Мавзуи диссертатсионии Робияи Абдусамад «Таҳлили сохторӣ ва маънoии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 24-уми декабри соли 2019 тасдиқ шудааст (суратҷаласаи №5).

Муҳтаво ва натиҷаҳои диссертацияи Робияи Абдусамад дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, байналмилалӣ [2019, 2020, 2021, 2022, 2023] ва дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар шакли маърӯзаҳои илмӣ гузориш шудааст. Натиҷаи алоҳидаи рисола дар маҷалаҳои илмӣ дар шакли 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷалаҳои илмӣ, ки ба рӯйхати маҷалаҳои илмии Комиссияии олии аттестатсионӣ (ВАК) –и Вазорати маориф ва илмӣ Россия ва Вазорати маориф ва илмӣ Ҷуҳурии Тоҷикистон шомиланд, ба табъ расидаанд.

Муҳиммияти ин пажӯҳиш, тавре ки диссертант қайд мекунад, дар он зоҳир меёбад, ки масъала, моҳият, аломат, мафҳум ва предмети омӯзиши фанни китобдорӣ, ки дар охирҳои асри XIX ва аввали асри XX пайдо шудааст, то ҳол пурра ва ба қадри кофӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Истилоҳоти китобдорӣ дар таҳқиқоти бахшидашуда ба ташаккул, рушд ва инкишофи ин соҳа равона гардидааст. Ҳамчунин, ихтилофоти зиёди истилоҳот вуҷуд дорад, ки дар луғатшиносии муосир таҳқиқ намудани он айни муддаост. Бинобар ин, омӯзишу пажӯҳиши истилоҳоти китобдорӣ, ҳамчун яке аз падидаҳои муҳимми илму техника аз нигоҳи муқоисаи забони тоҷикӣ ба забони англисӣ - яке аз забонҳои рушдкардаи дунё мубрамияти корро ташкил медиҳад.

Навгонии рисола бешак дар он зуҳур меёбад, ки истилоҳоти соҳаи китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бори аввал мавриди таҳқиқи алоҳидаи лингвистӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия бори нахуст хусусиятҳои сохторӣ, маъноӣ ва луғавии истилоҳоти соҳаи китобдорӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифта, равишҳои имконпазири ташаккулёбӣ ва рушди минбаъдаи истилоҳоти ин соҳа дар забонҳои мавриди қиёс муайян карда шудаанд.

Аҳамияти амалии тадқиқотро низ таъкид кардан зарур аст, зеро маводи он метавонанд дар китобхонаҳои муассисаҳои олӣ, миёнаи касбӣ ва умумӣ, дар муассисаҳои фарҳангӣ, инчунин дар коркард ва навишти рисолаҳои илмӣ, семинару конфронсҳои махсус, гузаронидани лексияҳо аз фанҳои грамматикаи муқоисавӣ-таърихӣ, луғатшиносӣ, китобхонашиносӣ, таҳия ва навиштани грамматикаи амалии забонҳои мавриди қиёс ва дастурҳои таълимию вожаномаҳо барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода шаванд.

Аз назари амалӣ диссертатсияи мазкур барои дарёфти маълумоти мушаххас ҳангоми омӯзиши сохтор, маъно ва роҳҳои корбурди истилоҳоти китобдорӣ дар раванди таълим мусоидат хоҳад кард.

Ҳар як боб бо хулосаҳои мушаххас ҷамъбаст гардидаанд. Хулосаҳои дар рисола бадастомада асоснок буда, таҳқиқот дар асоси маҷмуъи зиёди маводи забоншиносӣ бо истифода аз методологияи таҳқиқот, ки барои ин намуди таҳлил мувофиқ аст, гузаронида шудааст. Методологияи таҳқиқот имконият фароҳам овард, ки миқдори зиёди маводҳои ҷамъоваригардида мавриди омӯзиш ва таҳлили дақиқ қарор дода шаванд.

Дар раванди кор, омӯзишу таҳқиқ ва таҳлили маводи ҷамъшуда, диссертант маҳорату малакаи хеле хуби ҷамъ овардану таҳлил намудан ва хулосабарории аз нуқтаи назарию амалӣ дақиқ ва судмандро нишон дод. Дар натиҷа, ба фикри мо, Робияи Абдусамад тавонистааст хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи истилоҳоти китобдориро дар забонҳои таҳқиқшаванда хеле мушаххас аз адабиёти илмӣ ва вожаномаҳои ҳарду забон таъкиду баррасӣ намояд. Муҳақиқ дар чандин мавридҳо далелу мисолҳоеро таъкид ва баррасӣ намудааст, ки дар адабиёти мавҷудаи илмӣ зикр нашудааст.

Бояд таъкид намуд, ки диссертант ҳамчун мутахассис хеле хуб омода гардида, мавзуи диссертатсияро ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор додааст. Аз адабиётҳои илмии забоншиносии забонҳои қиёсшаванда пурра огоҳ буда, мавзуи таҳқиқро дар сатҳи баланди илмии забоншиносии муосир баррасӣ намудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукмати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Хулоса, рисолаи докторанд Робияи Абдусамад ба таҳқиқи он даст задааст «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» кори илмии анҷомрасида буда, онро ба ҳимоя тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ,
доктори илмҳои филологӣ,
декани факултети забони англисӣ
ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Каримов Шуҳрат Бозорович

Суроға: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, 734003
Тел.: +992 938370022; e-mail: shuhrat-karimov2@mail.ru

Имзои Каримов Шуҳрат Бозоровичро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
Махсуси Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим

26.05.2022